Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Раҷабмурод Шодиевич, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор" (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)**

Ҳалли мушкилоти экологиву иқтисодии истифодаи системаҳои ирригатсионӣ дар шароити минтақаи барои обёрикунонӣ эҳтиёҷмант, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари Осиёи Марказӣ ба он шомил аст, таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорбиниҳо вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосири замин ва захираҳои об, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи заминсозӣ ва обёрикунониро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ ва такмил додани унсурҳои он бе татбиқи амалисозии чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани замин, истифодаи васеи технологияҳои боэътимод ва инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъият ва қонунҳои рушди табиат мавҷуданд, ғайриимкон аст.

Аз ин ҷост, ки дар диссертатсияи мазкур, баҳодиҳии самараноки экологиву иқтисодии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ ва обёрии минтақаи биёбонӣ дар асоси идеяҳои ташаккул додани комплексҳои табиӣ, пешгирӣ кардани равандҳои таназзули замин, барқарорсозии агроэкосистемаҳое, ки ба бехатарии экологии кишоварзӣ кафолат медиҳанд, ҳамчунин роҳҳои ба даст овардани ҳосили баланди зироатҳои кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Равнақи соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси принсипҳои рушди мунтазам дар истеҳсолот, устувории агроэкосистемаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои нисбатан самараноки обию ирригатсионӣ, вале камтар аз захираҳои об ва мутобиқшавӣ, ки ба талаботҳои рушди устувор ва ҳифзи бехатарӣ ва чорабиниҳои агротехникӣ ҷавобгӯ мебошанд, асос ёфта бошад. Аз ин рӯ, муаммоҳои ҷойдошта ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар мисоли минтақаҳои биёбонии кишварҳои Осиёи Марказӣ то ба охир пурра наомухта боқӣ мемонанд ва то имрӯз ба таври кофӣ таҳия нашудаанд, ки интихоби мавзӯи кори диссертатсияро муайян кардааст.

Ба ақидаи муаллиф, сарфи назар аз миқдори зиёди тадқиқотњои назариявӣ ва методологӣ, баъзе муаммоҳои экологӣ ва иқтисодии рушди маҷмӯи иқтидорҳои обию ирригатсионӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо ҳанӯз пурра таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро, бахусус аз нуқтаи назари экологию иқтисодии худро наёфтаанд. Рушди минбаъдаи онҳо фаҳмиши амиқи намунаҳои ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи

омилҳои табиӣ ва антропогениро талаб мекунад. Ғайр аз ин, дар даҳсолаҳои охир, ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи заминҳои обёришаванда ва обёрии минтақа, рушди технологияҳои агротехникӣ ва ноил шудан ба устувории бахши кишоварзӣ аз нуқтаи назари консепсияи рушди устувор диққати ҷиддӣ дода нашудааст.

Дар қатори дастовардҳои дар автереферат ҷойдошта, инчунин баъзе камбудиҳои ноаён ва на он қадар муҳим низ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

Якум, ин ки агар дар автореферат дар бораи обанборҳои хусусияти минтақавӣ дошта ва имкониятҳои истифодаи онҳо барои обёрикунонии заминҳои ташналаби кишварҳои минтақа нишон дода мешуд, мазмуни илмии кори мазкурро боз ҳам бой ва ғанӣ мегардонид.

Дуюм, дар автореферат камбудиҳои хусусияти стилистикӣ дошта низ вомехӯранд.

Хулоса, мавзӯи интихобнамудани унвонҷӯ ба талаботи КОА-и аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент сазовор мебошад.

Муқарриз,
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии
Тоҷикистон, д.и.и, академик Пиризода Ҷ. С.

Имзои Пиризода Ҷ. С. - ро
тасдиқ мекунам:

Сардори нозироти кадрҳо Икромова М. Қ

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИКИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АИКТ * ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ТАСХН * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ